# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи “Баробарии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пайнавишти ҷаласаи солонаи ҳисоботии назди роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2024 ва фармоиши Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2024, №197/28.2 назарсанҷӣ дар мавзӯи “Баробарии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”-ро анҷом дод. Назарсанҷии мазкур аз санаи 26 то 29 феврали соли 2024 миёни ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Варақаи назарсанҷӣ аз 22 савол иборат буда, дар он масъалаҳои баробарии гендерӣ дар низоми бонкӣ, ба монанди шумораи бонувони сатҳи роҳбарикунанда ва идоракунӣ, ҷойивазкунии кормандон, аз ҷумла бонувон, бозомӯзии кормандон, аз ҷумла бонувон, ҷалби бонувон ба кор ва ғайраро дарбар гирифт.

Диаграммаи 1. Гурӯҳбандии ТҚМ (бо адад)




Дар назарсанҷии мазкур 58 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 бонк, 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 21 фонди қарзии хурд ширкат варзиданд (нигаред ба диагр. 1)

Диаграммаи 2. Гурӯҳбандии ТҚМ аз рӯйи шумораи кормандон (адад)




Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки **шумораи умумии кормандонашон то 50 нафар** мебошанд, ҳамагӣ 28 ададро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 20 адад (71,4%) ба ФҚХ, 7 адад (25%) ба ТАҚХ ва 1 адад (3,6%) ба ТҚХ рост меояд. Ба гурӯҳи дуюм **аз 51-300 нафар** 17 ташкилоти қарзии

молиявӣ, аз ҷумла 4 (23,5%) - Бонк, 9 (52,9%) – ТАҚХ, 2(11,7%) – ТҚХ, 1 (5,9%) – ТҚҒ, 1 (5,9%) – ФҚХ дохил мешаванд.Ба гурӯҳи сеюм ташкилотҳои қарзии молиявие дохил мешаванд, ки **шумори кормандонашон аз 301 то 1000 нафар** мебошанд, 7 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 6 – Бонк, 1 – ТАҚХ ва ба гурӯҳи чорум аз 1000 нафар зиёд 6 адад, аз ҷумла 4 – Бонк ва 2 – ТАҚХ дохил мешаванд (нигаред ба диаг. 2).

Бояд қайд кард, ки тибқи маълумоти бадастомада шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 17 908 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 7 344 нафар ё 41-фоизро бонувон ташкил медиҳанд (нигаред ба диаг.3)

Диаграммаи 3. Ҳиссаи бонувон дар шумораи умумии кормандони ТҚМ




Лозим ба тазаккур аст, ки ҳиссаи бонувон дар шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ мунтазам зиёд гардида истодааст, ки тасдиқи сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад.

Ҳиссаи бонувон дар низоми бонкӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Агар ҳиссаи бонувон дар шумораи умумии кормандон дар соли 2015 ба 30 фоиз баробар бошад, пас ин нишондиҳада дар охири соли 2023 то ба 41 фоиз расидааст, ки 11 б.ф. зиёд мебошад. Ҷалби бонувон дар низоми бонкӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки татбиқи сиёсати гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст ва ин раванд метавонад барои фаъолияти боз ҳам самараноки низом таъсири мусбии худро расонад. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки баробарии гендерӣ дар низоми бонкӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, нақши калидӣ дорад (нигаред ба диаг. 4.).

Диаграммаи 4. Тамоили тағйирёбии ҳиссаи бонувон дар шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ (бо фоиз)



Агар шумора ва ҳиссаи бонувонро аз рӯйи ҳар як ташкилоти қарзии молиявӣ таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки дар аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳиссаи бонувон бештар аз 40 фоизро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон дод, ки дар маҷмуъ дар низоми бонкӣ аз шумораи умумии кормандон аз рӯйи вазифа, яъне мутахассисон, ки 10 422 нафарро ташкил медиҳад, ҳиссаи бонувон-мутахассисон 4769 нафар ё 46 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ҳиссаи бонувон – кормандони сатҳи идоракунӣ 20 фоиз аз шумораи умумии кормандони сатҳи идоракунӣ, бонувон – кормандони сатҳи роҳбарикунанда 18 фоиз аз шумораи умумии кормандони сатҳи роҳбарикунанда ва бонувон дар ҳайати Раёсат 19 фоизро аз шумораи умумии аъзои Раёсати ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташкил доданд (нигаред ба диаг. 5).

Диаграммаи 5. Ҳиссаи бонувон вобаста ба сатҳи идоракунӣ ва вазифаҳои ишғолнамуда дар ТҚМ (бо фоиз)




Аз таҳлили маълумоти натиҷаҳои назарсанҷӣ бармеояд, ки бонувон – мутахассисон ҳиссаи бештарро дар шумораи умумӣ фаро гирифтаанд. Дар баробари ин, ҳиссаи бонувон дар сатҳҳои идоракунӣ ва роҳбарикунанда ҳоло ҳам қонеъкунанда нест. Қайд кардан зарур аст, ки имконияти баробар барои мардон ва занон дар низоми бонкӣ, фарҳанги идоракунии корпоративиро беҳтар намуда, ба фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди касбӣ мусоидат менамояд.

Диаграммаи 6. Ҳиссаи бонувон дар вазифаҳои роҳбарикунандаи ТҚМ (бо фоиз)




Бояд зикр кард, ки ҳиссаи ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар онҳо вазифаи роҳбарикунандаро бонувон ишғол менамоянд 26 фоизро ташкил медиҳад, ки албатта ин нишондиҳандаро мумкин аст боз

ҳам баланд кард ва он корбарии иловагиро талаб менамояд (нигаред ба диаг. 6).

Қайд кардан ба маврид аст, ки агар сиёсати баробарии гендерӣ дар ҷумҳурӣ боз ҳам тақвият дода шавад, метавонад ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъсири мусбӣ расонад. Баробарии гендерӣ ба намояндагии бештари муштариён ва истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат карда, барои васеъ шудани фарогирии молиявӣ шароит фароҳам меорад.

Аз таҳлили натиҷаи назарсанҷӣ маълум гардид, ки шумораи бонувони дар давраи ҳисоботӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба кор қабул шуда 2277 нафар ва шумораи бонувоне, ки дар ин давра аз кор рафта 1516 нафарро ташкил доданд, ки ҳиссаи шумораи аз кор рафтагон нисбат ба шумораи ба кор қабул шудагон 66,6 фоизро ташкил додааст. Нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди аз кор рафтани шумораи зиёди кормандон, хусусан бонувон ҷой дорад, ки дар маҷмуъ ин ҳолат барои низоми бонкӣ тамоюли чандон хуб нест.

Диаграммаи 7. Корҳои таблиғотию ташвиқотӣ барои ҷалби бонувон (бо фоиз)




Барои омӯзиши ин масъала ба респондентҳо чунин савол пешниҳод гардид; "Оё дар ташкилоти Шумо барои ҷалби бонувон корҳои таблиғотию ташвиқотӣ бурда мешаванд?". Аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин посух дода шуд (нигаред ба диаг. 7).

Аз рӯйи ҷавоби респондентҳо маълум мегардад, ки дар бештар аз 70 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои ҷалби бонувон ба кор, чораҳои заруриро андешида истодаанд. Новобаста аз ин, сатҳи аз кор рафтани кормандон, бахусус бонувон ҳоло ҳам ҷой дорад.

Диаграммаи 8. Бонувоне, ки аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштанд, (бо фоиз)




Аз таҳлили натиҷаҳои назарсанҷӣ маълум гардид, ки шумораи бонувоне, ки аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштаанд 3 702 нафар ё 50,4 фоизи шумораи умумии бонувони ташкилотҳои қарзии

молиявиро ташкил дода, аз рӯйи вазифа – мутахассисон 3 535 нафар ё 74 фоиз ва аз рӯйи кормандони сатҳи идоракунӣ 326 нафар ё 66 фоизи шумораи умумии бонувон - кормандони сатҳи идоракуниро ташкил медиҳад (нигаред ба диаг. 8).

Натиҷаи назарсанҷӣ доир ба ин масъала аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бонувон дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Яъне на танҳо таъмини имкониятҳои баробар, балки фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди касбии занон - бонувон низ муҳим аст.

Дар робита ба ин масъала, ба саволи “Оё ташкилоти Шумо воситаҳои рушдро барои бонувон пешниҳод менамояд” аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин посух дода шуд (нигаред ба диаг. 9).

Диаграммаи 9. Пешниҳоди воситаҳои рушд барои бонувон (бо фоиз)




Бештар аз 65 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявӣ воситаҳои гуногуни рушд (масалан, мураббигӣ, ҷойивазкунии кормандон (ротатсия), таълими касбӣ ва ғайра)-ро барои баланд бардоштани сатҳи касбияти бонувон пешниҳод менамоянд.

Бинобар ин, пешниҳоди воситаҳои гуногуни рушд дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд барои ҳама, новобаста аз ҷинс, сину сол ё дигар аломатҳо дастрас бошад. Дар ин ҳолат нақши барномаҳои рушди истеъдод барои бонувон ҷиҳати муносиб будани онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда нақши муҳим дорад.

Диаграммаи 10. Пешниҳоди барномаҳои мушаххаси рушди истеъдодҳо барои омода кардани бонувони номзад ба вазифаҳои роҳбарикунанда (бо фоиз)




Бинобар ин, саволи навбатии пешниҳодгардида чунин аст: “Оё ташкилоти Шумо барномаҳои мушаххаси рушди истеъдодҳоро барои омода кардани бонувони номзад ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешниҳод менамояд?”. Аз натиҷаи саволи пешниҳодгардида чунин посух гирифта шуд

(нигаред ба диаг. 10).

Аз нишондиҳандаҳои ба даст омада маълум мегардад, ки танҳо 24 ташкилоти қарзии молиявӣ ё 41 фоиз барномаҳои мушаххаси рушди истеъдодҳо, ки бонувони номзад ба вазифаҳои роҳбарикунандаро омода менамоянд, доро мебошанд. Аммо дар 34 ташкилоти қарзии молиявӣ ё 59 фоиз чунин барномаҳои таъминкунандаи рушди истеъдодҳо мавҷуд намебошанд.

Қобили қайд аст, ки муносиб будани бонувон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба қабули қарорҳои дурусти идоракунонӣ мусоидат менамояд. Ин ҳолат дар навбати худ ба натиҷаҳои самарабахши фаъолият оварда мерасонад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявӣ корҳоро тақвият бахшанд.

Ҳамчунин, омӯзиши ҳолати фарогирии бонувон дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва фаъолият намудани бахши алоҳида дар ин самт мавриди пурсиш қарор дода шуд. Ба саволи "Оё дар идора/шуъбаи кормандони ташкилоти Шумо шахс ё бахши алоҳида, ки вазифаи масъули гуногунӣ ва фарогириро дорад, мавҷуд аст?", чунин посух гирифта шуд (нигаред ба диаг. 11).

Диаграммаи 11. Мавҷудияти шахс ё бахши алоҳида, ки вазифаи масъули гуногунӣ ва фарогириро дорад (бо фоиз)




Аз ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки танҳо дар 21 ташкилоти қарзии молиявӣ ё 36 фоиз шахс ё бахши алоҳида, ки вазифаи масъули гуногунӣ ва фарогирӣ дорад мавҷуд буда, дар 37 ташкилот ё 64 фоиз мавҷуд намебошад. Ҳол он ки гуногунии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба навоварӣ, рушд ва тафаккури эҷодӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин самт аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Ҳамзамон, омӯзиши масъалаи ҷалби кормандон ба вазифаҳои гуногун аз рӯйи ҷинс мубрам арзёбӣ гардида, ҳангоми назарсанҷӣ дар назди ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин савол низ гузошта шуда буд: "Оё ташкилоти Шумо ба таври мунтазам таҳқиқоти ҷалби кормандонро аз рӯйи ҷинс мегузаронад?" (нигаред ба диаг. 12).

Аз натиҷаи посух ба ин савол маълум гардид, ки аз 58 ташкилоти қарзии молиявӣ дар 33 ташкилот ё 57 фоиз таҳқиқоти ҷалби кормандон аз рӯйи ҷинс гузаронида шуда, дар 25 ташкилот ё 43 фоиз ин гуна таҳқиқотҳо гузаронида намешавад.

Қобили зикр аст, ки масъалаи баробарии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфта, бояд мунтазам мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дошта бошад. Баланд бардоштани баробарии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба гуногунии тафаккур дар ин раванд мусоидат намуда, нишондиҳандаҳои молиявии онҳоро беҳтар менамояд.

Диаграммаи 12. Ба таври мунтазам гузаронидани таҳқиқоти ҷалби кормандон аз рӯйи ҷинс дар ташкилот (бо фоиз)




Бояд эътироф кард, ки баробарии гендерӣ ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳим дониста шуда, барои таъмини он шароит ва имкониятҳои якхела фароҳам оварда шудааст. Кафолати таъмини баробарии гендерӣ аз ҷониби давлат дода мешавад ва сиёсати давлатӣ дар ин самт ҷиҳати баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа бозгӯи ин ҳолат аст.

**Хулоса**

1. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 17 908 нафарро ташкил дода, ки аз онҳо 7 344 нафар ё 41-фоизро бонувон ташкил медиҳанд. Ҳиссаи бонувон дар низоми бонкӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст, агар ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 30 фоиз баробар бошад, пас дар охири соли 2023 то ба 41 фоиз расидааст, ки 11 банди фоизӣ зиёд мебошад.

2. Аз таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ маълум гардид, ки дар маҷмуъ дар низоми бонкӣ аз шумораи умумии кормандон аз рӯйи вазифа, яъне мутахассисон 10 422 нафар, аз ҷумла ҳиссаи бонувон-мутахассисон 4769 нафар ё 46 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи бонувон дар сатҳҳои идоракунӣ 20 фоиз ва роҳбарикунанда 18 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳиссаи бонувон дар сатҳҳои идоракунӣ ва роҳбарикунанда ҳоло ҳам қонеъкунанда намебошанд.

3. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки шумораи бонувони дар соли 2023 дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба кор қабул шуда 2277 нафар ва шумораи бонувоне, ки дар ин давра аз кор рафта 1516 нафарро ташкил доданд, ки ҳиссаи шумораи аз кор рафтагон нисбат ба шумораи ба кор қабул шудагон 66,6 фоизро ташкил додааст. Аз ин бармеояд, ки раванди аз кор рафтани шумораи зиёди кормандон, хусусан бонувон ҷой дорад, ки дар маҷмуъ ин ҳолат барои низоми бонкӣ тамоюли чандон хуб намебошад.

4. Таҳлили натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон дод, ки шумораи бонувоне, ки аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштаанд 50,4 фоизи шумораи умумии бонувони ташкилотҳои қарзии молиявиро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда аз рӯйи вазифа – мутахассисон 74 фоиз ва аз рӯйи кормандони сатҳи идоракунӣ 66 фоизи шумораи умумии бонувон - кормандони сатҳи идоракуниро ташкил медиҳад.

5. Аз нишондиҳандаҳои ба даст омада маълум мегардад, ки танҳо 41 фоизи ташкилоти қарзии молиявӣ барномаҳои мушаххаси рушди истеъдодҳо, ки бонувони номзад ба вазифаҳои роҳбарикунандаро омода менамоянд, доро мебошанд. Аммо дар 59 фоизи ташкилоти қарзии молиявӣ чунин барномаҳои таъминкунандаи рушди истеъдодҳо мавҷуд намебошанд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявӣ корҳоро тақвият бахшанд.

6. Аз таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ бармеояд, ки танҳо дар 36 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявӣ шахс ё бахши алоҳида, ки

вазифаи масъули гуногунӣ ва фарогирӣ дорад, мавҷуд буда, дар 64 фоизи онҳо чунин шахс ё бахши алоҳида мавҷуд намебошад. Ҳол он ки гуногунии гендерӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба навоварӣ, рушд ва тафаккури эҷодӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин самт аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.